# ХУЛОСАИ

**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Парвандаи аттестатсионии №___**

**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 24-уми июни соли 2021, № 38**

Барои сазовор донистани Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии доктори илми филология.

Диссертатсияи "Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллии Тоҷикистон (дар мисоли нашрияҳои "Шаҳриёр" ва "Набзи Файзобод")" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ рӯзи 4 марти соли 2021 (қарори №25 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-22 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2021, №11) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович, соли таваллудаш 1975, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, айни замон ба ҳайси дотсенти кафедраи журналистикаи байналхалқӣ ва иҷрокунандаи вазифаи декани факултети журналистикаи ДМТ фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Мушовири илмӣ:** доктори илми филология, профессор, академики АМИТ **Имомзода Муҳаммадюсуф Саидалӣ**.

**Муқарризони расмӣ:**

**Бобоҷониён Ранохон Маҳмудзода** – доктори илми филология, профессор, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Муъминҷонов Зулфиддин** – доктори илми филология, дотсент, декани факултети режиссура, кино ва телевизиони ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода;

**Хоҷазод Саидмурод** – доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи адабиёти муосир, доктори илми филология, профессор Ӯлмасова Замира Ҳабибуллоевна,

эксперт, доктори илми филология, профессор Матлубаи Мирзоюнус ва котиби ҷаласа, дотсент Қосимова Инобат, ки бо имзо аз ҷониби раёсати кадрҳои донишгоҳ тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович "Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллии Тоҷикистон (дар мисоли нашрияҳои "Шаҳриёр" ва "Набзи Файзобод")" аз ҷиҳати интихоби мавзӯъ хеле мубрам буда, ба яке аз масъалаҳои муҳимми илми журналистикаи тоҷик бахшида шудааст.

Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ навишта шудааст ва бо навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалиаш ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевосита дар соҳаи журналистика ва публитсистикашиносии тоҷик буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок намуда, дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмун ва муҳтавои онҳо ба мавзӯи диссертатсияи мазкур наздикӣ дорад.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**

**Маҷаллаҳои тасдиқнамудаи КОА ҶТ**

[1-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. «Набзи замон» дар асри иттилоотӣ / А. Ҳ. Қутбиддинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2014. – №3/9 (154). – С. 314-316.

[2-М]. Қутбиддинов, А.Ҳ. Нақши ҷолибияти сарлавҳа / А.Қутбиддинов // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2014. – №3/9 (154). – С. 301-304.

[3-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Нигоҳе ба мавзӯи ватандӯстӣ дар шеъри иҷтимоии Бозор Собир / А. Ҳ. Қутбиддинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2015. – №4/1(159). – С. 292 – 296.

[4-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Ҷанбаи публитсистии як роман / А. Ҳ. Қутбиддинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2015. – №429(163). – С. 282-284.

[5-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Мақсад ва моҳияти матбуоти зинаи поёнӣ / А. Ҳ. Қутбиддинов, Ҷ. Раҳмонова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2017. – №4/7. – С. 309-312.

[6-М]. Қутбиддинов, А. Чанд хосияти мондагори публитсистика / / А. Ҳ. Қутбиддинов, Ҷ. Раҳмонова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2017. – №4/7. – С.266-270.

[7-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Вазифаҳои дирӯзу имрӯзи матбуоти маҳаллӣ / А. Ҳ. Қутбиддинов, Ҷ. Раҳмонова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2018. – №1. – С. 268-273.

[8-М]. Қутбиддинов, А.Ҳ. Чанд шинохти ноқил ва муаллиф / А. Ҳ. Қутбиддинов, З. Иноятова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2019. – №2. – С. 275-280.

[9-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Нақши ноқил дар анвои наср / А. Ҳ. Қутбиддинов, З. Иноятова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2019. – №3. – С. 229 - 234.

[10-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Заминаҳои пайдоиши матбуоти маҳаллӣ / А. Ҳ. Қутбиддинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2019. – №5. – С. 284-287.

[11-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Имкон ва нерӯйи матбуоти маҳаллӣ / А. Ҳ. Қутбиддинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ.– Душанбе: Сино, 2019. – №7. – С. 272-275.

[12-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Баъзе ҷанбаҳои таърихии матбуоти маҳаллии Тоҷикистон / А. Ҳ. Қутбиддинов, // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2019. – №6. – С. 297 - 301.

[13-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Матбуоти маҳаллӣ дар муҳит ва фазои иттилоотӣ / А. Ҳ. Қутбиддинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2019. – №7. – С. 297-301.

[14-М]. Қутбиддинов А. Ҳ. Моҳияти идеологии матбуоти маҳаллӣ / А. Ҳ. Қутбиддинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2019. – №8. – С. 282-285.

[15-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Омилҳои рушди матбуоти маҳаллӣ / А. Ҳ. Қутбиддинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2019. – №8. – С. 305-309.

[16-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Матбуоти маҳаллӣ ва рақобат дар шароити нав / А. Ҳ. Қутбиддинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2020. – №1, 2020.- С. 263-268.

[17-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Мавзӯъ ва мундариҷаи матбуоти маҳаллӣ / А. Ҳ. Қутбиддинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2020. – №1, 2020. – С. 298-304.

[18-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Хусусиятҳои иҷтимоӣ ва таъйиноти матбуоти даврӣ / А. Ҳ. Қутбиддинов // Номаи донишгоҳ. – Хуҷанд, 2020. – №2 (63), 2020. – С. 137-142.

[19-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Назаре ба таърихи ташаккули нашрияи “Шаҳриёр” / А. Ҳ. Қутбиддинов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2020. – №2 (85). – С. 168-174.

[20-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Чанд шинохти матбуот аз нигоҳи муҳаққиқони тоҷик / А. Ҳ. Қутбиддинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2020. – №4. – С. 279-284.

[21-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Назаре ба марҳилаҳои инкишоф ва рисолатҳои матбуоти тоҷик / А. Ҳ. Қутбиддинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2020. – №5. – С. 321-327.

**Маҷалла ва маҷмӯаҳои илмии дигар:**

[22-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Мавқеи адиби публитсист А. Ҳ. Қутбиддинов // Журналистикаи тоҷик ва масъалаҳои низоми нави ҷаҳон (маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе, 2004. – С. 75-79.

[23-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Кашшофӣ ва таҳсили ҳосил / А. Ҳ. Қутбиддинов // Истиқлолият ва журналистикаи муосир (маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе, 2006. – С. 52-55.

[24-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Проблемаҳои офариниши портрети сиёсӣ / А. Ҳ. Қутбиддинов // Меваи истиқлол (маҷмӯаи мақолаҳо).– Душанбе, 2006. – С.39-41.

[25-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Дин ва матбуоти тоҷик / А. Ҳ. Қутбиддинов // Рудакӣ. – Душанбе, 2008. №17. – С. 59-67.

[26-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Усулҳои қолибсозӣ дар маводи саҳифаҳои матбуоти Эрон / А. Ҳ. Қутбиддинов // Журналистикаи байналхалқӣ-II (маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе, 2009. – С. 16-23.

[27-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Офариниши портрети сиёсӣ / А. Ҳ. Қутбиддинов // Замони муосир ва журналистика (маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе, 2009. – С. 79-86.

[28-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Симои Ҳусайн Бойқаро дар тасвири Восифӣ / А. Ҳ. Қутбиддинов // Журналистикаи байналхалқӣ-III (маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе, 2009. – С. 6-9.

[29-М]. Қимати пойдор / А. Ҳ. Қутбиддинов // Шарофати «Бухорои Шариф» (маҷмӯаи мақолаҳо). – Хуҷанд, 2012. – С. 42-50.

[30-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Дирӯзу имрӯзи рисолати матбуот / А. Ҳ. Қутбиддинов // Ҷашни фархундаи матбуоти тоҷик (маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе, 2012. – С. 255-263.

[31-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Сирвент, шпрух, фаблио ва дигар қолабҳои жанрӣ дар Аврупо / А. Ҳ. Қутбиддинов // Журналистикаи байналхалқӣ-V. – Душанбе, 2013. – С. 11-17.

[32-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Сарҳад ва имконот дар роҳи офариниши маводи ҷолиб / А. Ҳ. Қутбиддинов // Журналистикаи байналхалқӣ-VI (маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе, 2014. – С. 33-39.

[33-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Нақши як бонӯ ва як нашрия дар эҳёи Наврӯз / А. Ҳ. Қутбиддинов // Осор (маҷмӯаи мақолаҳо).– Душанбе, 2014. – С. 35-51.

[34-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Арзиши баланди фарҳанги миллӣ / А. Ҳ. Қутбиддинов // Паёмномаи фарҳанг№1 (29), 2015. – С. 41-49.

[35-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Жанри симосоз / А. Ҳ. Қутбиддинов // Паёмномаи фарҳанг. – 2015. – № (32). – С. 37- 46.

[36-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Матбуоти маҳаллӣ оинаи ҳаёти деҳот (баъзе андешаҳо дар ҳошияи «Оинаи Рашт») / А. Ҳ. Қутбиддинов // Паёмномаи фарҳанг. – 2016. – №5 (36). – С. 20-26.

[37-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Дар шинохт ва ҳимояти фарҳанги миллӣ / А. Ҳ. Қутбиддинов // Осор (ҷиди 3) (маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе, 2016. – С. 343-359.

[38-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Наврӯз дар назми иҷтимоии муосир / А. Ҳ. Қутбиддинов // Паёмномаи фарҳанг. – 2016. – № 2 (34). – С. 78-84.

[39-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Масъалаҳои байналхалқӣ дар нашрияи «Ҳисори шодмон» / А. Ҳ. Қутбиддинов // Журналистикаи байналхалқӣ – IX. (маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе, 2017. – С. 50-59.

[40-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Хусусиятҳои мундариҷавии нашрияи «Гулхани Восеъ» / А. Ҳ. Қутбиддинов, М. Муродов // Паёмномаи фарҳанг. – 2017. – №1 (37). – С. 97-106.

[41-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. ВАО ва тафаккури нав дар замони истиқлол / А. Ҳ. Қутбиддинов // Журналистикаи байналхалқӣ-VIII (маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе, 2017. – С. 16-19.

[42-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Фарҳанги миллӣ дар равзанаи шинохти ҳунарманд / А. Ҳ. Қутбиддинов // Осор (ҷиди 4) (маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе, 2017. – С. 241-257.

[43-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Назаре ба оҳанги публитсистии осори Абдулқосим Лоҳутӣ / А. Ҳ. Қутбиддинов // Асрори сухан ( маҷмӯаи мақолаҳо). – Хуҷанд, 2017. – С. 142-153.

[44-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Моҳияти фарҳангиву сиёсии матбуоти маҳаллӣ / А. Ҳ. Қутбиддинов // Журналистика ва замони муосир (Масъалаҳо назарӣ ва таърихи матбуоти даврии тоҷик). – Душанбе, 2018.– С. 36-40.

[45-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Дар шинохти матбуоти маҳаллӣ / А. Ҳ. Қутбиддинов // Дар моварои сухан (маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе, 2018.– С. 46-54.

[46-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Баъзе вижагиҳои матуботи маҳаллии Олмон / А. Ҳ. Қутбиддинов, М.Анҷум // Журналистикаи байналхалқӣ - Х (маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе, 2019. – С. 42-46.

[47-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Накши аудитория дар пойдории матбуоти маҳаллӣ / А. Ҳ. Қутбиддинов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Дипломатияи об ва омилҳои фарогири он дар бозтоби воситаҳои ахбори оммаи кишварҳои Осиёи Марказӣ», ДМТ. 25-26 ноябри соли 2019. – С. 158-165.

[48-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Як очерки «Коммуна» дар солҳои сиюм / А. Ҳ. Қутбиддинов // Журналистикаи байналхалқӣ - Х (маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе, 2019. – С. 54-57.

[49-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Нигоҳе ба рӯзномаҳои “Зарафшон” ва “Файзи Зарафшон” / А. Ҳ. Қутбиддинов // Паёмномаи фарҳанг. – 2019. – №3 (47). – С. 88-101.

[50-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Нақши идеологии нашрияҳои маҳаллӣ / А. Ҳ. Қутбиддинов // Паёмномаи фарҳанг. – 2019. – №2 (46).– С. 93-99.

**3. Асарҳои дигар**

**а) Рисолаҳои илмӣ:**

[1-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Домани наср / А. Ҳ. Қутбиддинов. – Душанбе, 2011. – 96 с.

[2-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Воқеияти тасвир / А. Ҳ. Қутбиддинов. – Душанбе, 2014. – 121 с.

[3-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Хосияти публитсистика / А. Ҳ. Қутбиддинов, Ҷ. Раҳмон ова. – Душанбе, 2018. – 164 с.

[4-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Моҳият ва таъиноти матбуоти маҳаллӣ / А. Ҳ. Қутбиддинов. – Душанбе: Аржанг, 2018. – 160 с.

[5-М]. Муродов, М. Матбуоти маҳаллии Тоҷикистон / М. Муродов, А. Қутбиддинов, М. Ҷумъаев, Қ. Исоев. – Душанбе, 2018. – 200 с.

[6-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ. Назаре ба матбуот ва фарҳанги Бадахшон / А. Ҳ. Қутбиддинов. – Душанбе: Аржанг, 2019. – 135 с.

[7-М]. Қутбиддинов, А. Ҳ Матбуот – ҳамқадами замон / А. Ҳ. Қутбиддинов. – Душанбе: Аржанг, 2020. – 192 с.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид гардидаанд:**

1. Устоди Коллеҷи педагогии шаҳри Панҷакент, доктори илми филология Холов Ҷовид таъкид мекунад, ки сохтори рисола бо низоми хосса ва тақсимбандии пухтаву комил пешкаш гардида, хулосаҳои асоснок ва воқеӣ далели интихоби дурусти коргузорӣ ва усули мувофиқи таҳқиқ мебошанд. Ба хотири бехбуди таҳқиқ ӯ андеша дорад, ки агар чанд мисолу далели бунёдӣ аз рӯзномаҳои ҳамзамони “Шаҳриёр” ва

“Набзи Файзобод” аз нигоришоти публитсистони гуногунминтақа барои қиёс пеш оварда мешуд, кор боз ҳам ҳусни зеботаре ба худ мегирифт.

2. Доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Элбоев Вафо зикр мекунад, ки маводи ду нашрияи маҳаллӣ, ки таҳқиқи хуби илмӣ шудаанд, аз вуқуфи комили унвонҷӯ дарак медиҳад ва муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мебошад.

3. Доктори илми таърих, мудири кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Алимов Давлаталӣ Халилович зикр мекунад, ки диссертатсия мувофиқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф ёфта, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мебошад. Ҳамзамон чунин эродҳо зикр карда мешаванд:

1. Дар фишурда ду мафҳум – публитсистикаи бадеӣ ва публитсистикаи матбуотӣ истифода шудаанд, ки истифодаи яке аз онҳо мувофиқи матлаб мегардид. 2. Чун хосияти рисола то ҳадде майл ба пажуҳишҳои адабӣ (бобҳои се-чор) дорад, хубтар мебуд, ки муаллиф ба таҳқиқи адабиётшиносӣ такяи бештар менамуд. 3. Дар кор баъзе ғалатҳои техникиву мантиқӣ ба назар расида, услуби нақли публитсистӣ боло меравад. Бандҳои хулоса низ камтаранд.

4. Доктори илми таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Абдуллоев Маҳмуд Холович диссертатсияро мувофиқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷомёфта ҳисобида, ҳамзамон чунин эродҳоро зикр кардааст:

1. Дар омӯзиши таърихи матбуоти маҳаллии кишвар баъзе паҳлуҳо қатъи назар гардидаанд. 2. Услуби публитсистии баён мавқеи фардии муаллифро баъзан норавшан менамояд. 3. Фикрҳо гоҳо такрор мешаванд ва хулосаи баъзе фаслҳо чандон амиқ намебошанд.

5. Доктори илми филология, профессори кафедраи ВАО-и чопӣ ва РЯ-и муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии Донишгоҳи (Славянӣ) Россия ва Тоҷикистон Н. Н. Солеҳов зикр менамояд, ки автореферат бо муҳимият, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти амаливу назариявияш ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мебошад. Дар баробари ин чунин эродҳо зикр мешаванд:

1. Дар фишурдаи диссертатсия баъзе асарҳои олимони соҳа зикр нагардидаанд. 2. Таҷзия ва қиёси пажӯҳишҳои муҳаққиқони дохиливу хориҷӣ вобаста ба мавқеи фардии муаллиф чандон мувофиқи матлаб сурат нагирифтаанд. 3. Зарурати ба фаслҳо ҷудо кардани баъзе

масъалаҳо (махсусан дар боби аввал) вуҷуд надошт ва давраҳои алоҳида ба таври умумӣ танҳо ишора гардидаанд.

6. Мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд, доктори илми филология профессор Ҷ. Ҳамроев ва дотсенти Донишгоҳи давлатии Самарқанд, доктори фалсафа оид ба фанҳои филологӣ Ғ. Раҳимқулов зикр кардаанд, ки услуби навишти рисола, мазмуну мундариҷаи он ба талаботи кори илмӣ ҷавобгӯ буда, хулосаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида низ аз нигоҳи илмӣ асоснок мебошанд. Чунин эродҳоро зикр кардаанд:

1. Аз бобҳои се ва чор имкон буд, ки баъзе фаслҳои марбут ба жанрҳоро муттаҳид карда, аз баҳри тартиб додани фасли алоҳида гузашт. Дар он сурат таносуби фаслҳо низ таъмин мешуд. 2. Дар фишурда баъзе камбудиҳои имлоиву техникӣ ба назар мерасанд (мавзӯот ва мавзуот саҳ. 22).

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад**, ки мавзӯи мазкур аз ҷониби Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович дар илми журналистикаи тоҷик бори аввал коркард шудааст.

Рушду инкишофи публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллии Тоҷикистон таърихи қариб як садсоларо дарбар гирифта, оғози он ба солҳои сиюми асри гузашта марбут аст. Дар даҳсолаи аввали фаъолияти матбуоти маҳаллии кишвар ҳанӯз қолабҳои жанрии публитсистикаи бадеии матбуотӣ шакл нагирифта бошад ҳам, хеле табиӣ баъзе намунаи навиштаҳои мухбирони маҳаллӣ бо рӯҳияи хосси бадеӣ авзои рӯзро ифода карда метавонистанд. Ин раванд даҳсолаҳо ҷараён ёфта, дар ташаккули мактабҳову маҳфилҳои эҷодӣ ва тарбияи публитсистону адибони шинохта таъсир гузоштааст.

Матбуоти маҳаллӣ зинаи аввали тарбияи адибоне мебошад, ки баъдтар шинохтаву эътироф гаштаанд. Публитсистикаи бадеӣ дар баробари публитсистикаи ахбориву таҳлилӣ дар таҳаввули афкори ҷомеа ба таври очил накши амиқ мебозад ва дар баъзе мавридҳо, махсусан, таъсиргузорӣ ба эҳсосу равони аудитория афзалият низ дорад. Вобаста ба ин публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллӣ бо имкони дастрасӣ ба афкори ҷомеа тавлидкунандаву таҳкимбахшандаи тарҳу пойдевори фазои иттилоотӣ дар маҳал мебошад. Моҳияти амиқи тарғибиву ташвиқӣ, аҳамияти тарбиявию ахлоқӣ, мазмуну маънии нишонрас, марому ҳадафи возеҳ, ғояву мавқеи мушаххас, ғановату фасоҳати баланд ва баъзе муаммову арзишҳои ҳунарӣ дар публитсистикаи бадеии матбуот водор месозад, ки он ба таҳқиқ кашида шавад.

Дар диссертатсия публитсистикаи бадеӣ дар доираи васеъ – бо фаро гирифтани ҷабҳаҳои назарӣ, таърихӣ ва амалӣ ба риштаи таҳқиқ

фаро гирифта шудааст. Дар матбуоти маҳаллии тоҷик, хусусан дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ, публитсистикаи бадеии матбуотӣ хеле маъмул гардида, доираи истифодааш низ дар доираи васеъ қарор дошт. Дар замони истиқлолияти кишвар доираи корбасти он маҳдудтар гардида бошад ҳам, уфуқҳои ифодаи мақсаду маром тавассути публитсистикаи бадеӣ нисбатан тағйир ёфтааст.

Дар диссертатсия муҳаққиқ ба донишҳои назариявии ҳангоми омӯзиш ба даст омада такя намуда, публитсистикаи бадеиро дар доираи маводи нашрияҳои "Шаҳриёр" ва "Набзи Файзобод" ба таҳқиқи илмӣ кашидааст. Ин нашрияҳо дар таҳаввулу ташаккули публитсистикаи бадеӣ ва камол ёфтани адибони маҳаллӣ нақши муҳим бозидаанд, зеро публитсистону адибон ҳамчун минбари дастрастар дар ҳамбастагӣ ба талаботи иқлиму фазои иттилоотӣ навиштаҳои худро нахуст дар ин гуна матбуот нашр мекарданд.

Дар пажӯҳиш ба таърихи таҳаввул ва таназзули матбуоти маҳаллӣ дар кишвар тавачҷуҳ гардида, ба яке аз заминаҳои нахустини пайдоиши матбуоти маҳаллии кишвар дар ҳама шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ – мавҷудияти рӯзномаҳои девории солҳои бистум ва раванди радиошунавонӣ аҳамият дода мешавад. Табиист, ки таъсиси матбуоти маҳаллӣ аввалин иқдомҳо дар самти ислоҳоти маънавию фарҳангӣ дар маҳалҳо ба ҳисоб мерафт ва ин саҳифаҳоро наомӯхта, раванди инкишофи публитсистикаи бадеиро муайян кардан душвор аст. Аз ҷониби дигар, солҳои 1960-1990 давраи беҳтарини матбуоти маҳаллии кишвар аст, ки нуқтаи баланди инкишофу таҳаввули публитсистикаи бадеии ин навъи матбуот ба ҳисоб меравад. Омӯзиши ҳамаҷонибаи даврони шӯравӣ ва истиқлолияти ин нашрияҳо баҳсҳои алоҳидаро дар мавриди бурду бохти публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллӣ аз байн мебарад.

Дар диссертатсия муҳимтарин уфуқҳои мавзӯӣ дар доираи мазмуну мундариҷаи матолиби нашрияҳо таҳқиқу баррасӣ гардида, сиёсату иқтисодиёт, ватандӯстиву худшиносӣ, фарҳангу маориф ва сохтмону бунёдкориҳо муҳимтарин мавзӯоти меҳварии публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллӣ дониста мешавад. Ҳунару истеъдод, дарки табъу завқи хонанда, таҷрибаву малака, ҷаҳонбиниву маърифати тағйирёбандаи муаллифон ва ҳамзамон талаботи фазову замону усулҳои нишондодӣ омилҳое дониста мешаванд, ки дар гуногунрангии мавзӯоти фарҳангиву иҷтимоии матбуоти маҳаллӣ нақш гузоштаанд. Ба андешаи диссертант, ба сифати минбари фарҳангиву маърифатӣ дар матбуоти маҳаллӣ даҳолати публитсистӣ нисбат ба масъалаҳои фарҳангиву

худшиносиҳои миллӣ то солҳои 1950-1960 маҳдуд буда, танҳо замони бозсозӣ ва истиқлолият паҳнои васеътар пайдо кардааст. Масъалаҳои сохтмону бунёдкориҳо ва тарғиби ҳаёти созанда дар ҳама даврахо дар меҳвари публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллӣ қарор гирифта, дар партави он патриотизми баланд қарор гирифтааст.

Публитсистикаи бадеӣ ифодаи мафҳуми "жанрҳои публитсистӣ–бадеӣ" ба ҳисоб меравад, ки дар солҳои шастуму ҳафтодуми асри гузашта дар фазои илмии Иттиҳоди Шӯравӣ васеъ паҳн гардидааст. Он аз ҷониби муҳаққиқон Е. Журбина, М. Литвинов, М. Бахтин, А. Беневоленская, Е. Прохоров, В. Горохов, М. Черепахов, А. Горбунов, А. Аникина, А. Н. Васильева, В. Ученова, Ю. Барабаш ва дигарон ишораву таъкид гардида, дар публитсистикашиносии тоҷик А. Саъдуллоев онро ҳамчун як вожаву истилоҳ муаррифӣ намудааст. Дар ҳақиқат, имконоти жанрҳои публитсистикаи бадей дар инъикоси воқеияти рӯз дар саҳифаҳои матбуоти маҳаллӣ дар ҳама даврахои мавҷудияти он назаррас буда, дар саргаҳи инкишофи он дар солҳои сиюм лавҳаву луқма ва фелетону памфлетҳои хурд қарор гирифтаанд. Бо гузашти вақт истифодаи лавҳа, луқма, очерк, эссе, памфлет, фелетон, репортажи бадей, эпиграмма, латифаи журналистӣ ва ҳикояву қиссаҳои публитсистӣ давра ба давра зиёд гардидаанд. Ҳамчунин дар ҳошияи онҳо назми иҷтимоӣ бо фарогирии очерку лавҳахо ва памфлету фелетонҳои манзум қатъи назар нест.

Анъанаи офариниш ва таблиғи симо дар матбуоти даврии маҳаллии тоҷик дар инкишоф ва таҳаввули публитсистикаи бадеӣ мусоидат карда, заминаи тавлиди асарҳои хоссаи адибон низ гардидааст. Чеҳраофаринӣ бо истифодаи бадеият дар матбуоти маҳаллӣ дар миёнаҳои асри гузашта инкишофи бештар ёфта, дар шаклгирии ҷараёнҳои адабӣ дар фазои иттилоотиву адабии маҳал таъсир гузоштааст. Адибону рӯзноманигорон ва аҳли зиёву мухбирони зиёди ҷамоатӣ бо хулосабарориву таҳқиқҳои бадеӣ, баёни образноку типписозиҳои алоҳида ва дахолати муайяни муаллифӣ анъанаи таблиғу ташвиқи инсони намуна ва бунёдкорро ба роҳ гузошта тавонистаанд. Табиист, ки дар публитсистикаи матбуотӣ воқеияту бадеият дар тавозуни хос қарор мегирад ва ин бештар аз ҳама дар очерку лавҳаҳо мушоҳида карда мешавад. Воқеият ва бадеияти дар тавозуни муайян қарордошта дар навбати аввал ба ғоянокиву устувории мавқеи муаллифон робита дорад, ки онро хосияти идеологии замон муайян менамояд. Таҳқиқи муайяни ботину зоҳири қаҳрамонони жанрҳои

мазкур ба оммавияи эҷод робитаи қавӣ дошта, усулҳои ҷолибсозӣ ва афкори мутавозун дар муаррифӣ кардани симоҳо мувофиқ омадаанд.

Инҳо масъалаҳоеанд, ки мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, барои ҳимоя **пешниҳод шудаанд.**

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ** бо он асоснок карда шудааст, ки матбуот ҳамеша бо мавқеи амиқи иҷтимоӣ, дар баробари иттилоърасониву таҳлили рӯйдодҳо, тавассути публитсистикаи бадеӣ дар раванди дигаргуниву инкишофи ҳаёт нақши муассир дорад. Публитсистикаи бадеӣ аз тариқи мушоҳидаву таҳқиқ, тасвиру таҳлил, факту аснод ва хулосаву ҳукм ба ташаккулу таҳаввули ҷомеа ва ҳамчунин рӯзгори мардум таъсир мегузорад. Аз ҷониби дигар, таҳқиқоти мазкур асосҳои илмии омӯзиши қонунмандӣ ва таркиби жанрӣ, хусусияти услубиву бадеии матлаб, инъикоси воқеияти рӯз дар қолаби назм, нақши сухани образдор, тарғиби симо дар қолабҳои бадеии публитсистикаи матбуотиро тақвият мебахшад.

Вобаста ба масъалагузорӣ дар диссертатсия, услуби муайяни мавзӯъ дар ҷараёни таҳлилу баррасӣ осори илмиву назариявии муҳаққиқони барҷастаи ватанию хориҷӣ, аз қабили Е. Журбина, М. Бахтин, А. Беневоленская, Е. Прохоров, В. Горохов, М. Черепахов, В. Ученова, В. Здровега, С. М. Гуреевич, В. В. Ворошилов, Я. Шафир, Я. Н. Засурский, С. Г. Корконосенко, Г. С. Мельник, В. В. Тулупов, В. Ф. Олешко, И. Д. Фомичева; осори муҳаққиқони тоҷик А. Маниёзов, С. Табаров, Л. Демидчик, В. Асрорӣ, Х. Мирзозода, М. Шакурӣ, Ҷ. Бақозода, А. Набиев, Х. Шарифов, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, М. Имомов, М. Муродов, А. Азимов, М. Абдуллоев, Ш. Муллоев ва дигар олимони маъруф омӯхта шудааст.

Дар омӯзиш ва таҳқиқи публитсистикаи бадеӣ аз усулҳои таърихият, дарки маърифат, тасаввуроти бонизом дар бораи мавзӯъ ва ҳадафи таҳқиқ, махсусияти рӯзноманигории тоҷик, меъёрҳои касбӣ, таҳия ва коркарди матн, жанр, муқоиса ва ғайра истифода шудааст. Мавзӯи дар ҳамбастагӣ ва алоқамандӣ бо равандҳои иҷтимоию таърихӣ, иҷтимоию сиёсӣ, назарию касбӣ ва илмҳои ҷомеашиносӣ, хоссатан таърихнигорӣ, адабиётшиносӣ, публитсистикашиносӣ, иҷтимоиёт, сиёсатшиносӣ ва ғайра таҳлилу таҳқиқ гардида, ҳангоми таълифи диссертатсия усулҳои таҳқиқи таърихнигорӣ, шарҳу тафсири илмӣ, муқоисавӣ, таҳлили анъанавӣ ва контентӣ **истифода шудаанд.**

**Исбот шудааст,** ки публитсистикаи ин нашрияҳо бо бадеияти ҷолиб бо набзи ҳаёти иҷтимоӣ дар тамоми даврaҳо ҳаммаром буда,

андешаву тафаккур, мушоҳидаву сатҳи огаҳӣ, маърифату ҷаҳонбинӣ ва маҳорати муаллифон боис гаштаанд, ки тамоми ҷараёнҳои ҳаёт ба таҳқиқ гирифта шаванд. Бо ин асос маърифату ҷаҳонбинии адибон, публитсистон ва журналистон, пеш аз ҳама, хислати фалсафиву адабӣ пайдо карда, ҷомеаро бо таъсири пайваста дар рӯҳияи матлуб тарбия намудааст.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки** натиҷаҳои илмии бадастовардаи ӯ ҷанбаҳои амалии журналистика ва публитсистикашиносии тоҷикро дар таҳқиқи масъалаҳои алоқаманд тақвият бахшида, вижагиҳои инъикоси публитсистикаи бадеиро дар матбуоти даврии маҳаллии тоҷик баён мекунад. Ҳамчунин, маводи диссертатсия ва хулосаҳои бадастовардаро ҳангоми навиштани мақола, таълифи китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ, гузаронидани курсҳои таълимии ихтисосӣ дар соҳаи рӯзноманигорӣ метавон мавриди истифода қарор дод.

**Ғоя** дар асоси таҷриба ва асарҳои илмию бунёдии муҳаққиқони маъруф С. Табаров, А. Маниёзов, Х. Мирзозода, М. Имомозода, М. Абдуллозода, А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. К. Усмонов, Р. Мусулмониён, М. Муродов, А. Азимов, Ш. Муллоев ва дигарон истифода шудааст.

Вижагиҳои публитсистикаи бадеӣ дар мисоли ду нашрияи маҳаллӣ бо назардошти ҷанбаҳои назарӣ, таърихӣ ва амалӣ **муайян шудааст.**

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он зоҳир мегардад, ки ӯ муддати қариб ду даҳсола дар баробари фаъолиятҳои зиёди корӣ ба ҷамъоварии маводи илмӣ, омӯзиши адабиёти назариявӣ, таҳлилу баррасии маводи нашрияҳои даврӣ, таснифи маводи гирдовардашуда ба гурӯҳҳои муайян машғул гардида, дар ин самт мақолаҳои зиёди илмӣ ва публитсистӣ таълиф намуда, дар конференсияҳои сатҳи гуногун маърӯзаҳо кардааст.

Унвонҷӯ доир ба мавзӯи диссертатсия 50 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин шумора 21 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос менамоянд.

Дар ҷаласаи 24.06.2021 Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди ДМТ қарори сазовор донистани Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович ба дараҷаи илмии доктори илми филология қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз инҳо 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ. Аз 21 нафар аъзои ба ҳайати Шӯрои диссертатсионӣ шомилбуда 14 нафар овоз доданд (котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ Дӯстзода Ҳ.Ҷ. бинобар номзади илм буданаш, дар овоздиҳӣ иштирок накард): тарафдор 14 нафар, муқобил нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор — Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент — Дӯстзода Ҳ.Ҷ.